**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуйи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ**

Турсунова Мунаввара Аъзамовна унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон буда, аз соли 2015 ба таҳқиқу баррасии сохторию маъноии топонимияи воҳаи Сурхон машғул аст.

Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар тули фаъолияти унвонҷӯйи худ доир ба кори диссертатсионияш маводи заруриро гирдоварӣ намуда, таснифот гузаронида, дар асоси нақшаи таҳиянамуда онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ асарҳои зиёди илмии забоншиносони тоҷик ва забоншиносони хориҷиро хонда, аз назарияҳои лингвистии муҳаққиқони зиёде баҳрабардорӣ кардааст. Натиҷаи кори таҳқиқотии М. А. Турсунова дар мақолаҳои чопнамуда ва маърузаҳояш дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикос ёфтааст.

Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи назариявию амалии топонимияи воҳаи Сурхон аз нигоҳи вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сохторӣ ва мансубияти забонӣ сурат гирифта, ин мақсад бо иҷрои вазифаҳои гуногун робитаи зич дорад. Баррасӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни маъноӣ ва сохтории топонимии минтақа ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқи М.А.Турсуноваро ташкил дода, тамоми маводи гирдовардаашро дар се боб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар раванди таҳқиқ ва таҳлилу баррасии маводи назариявию амалии кори диссертатсионӣ муаллиф худро ба ҳайси муҳаққиқи боистеъдод, боандеша, тозакор, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои илмию таҳқиқотии муҳаққиқони забоншинос, хосатан номшинос ва ба ҳайси пажӯҳишгари боистеъдод муаррифӣ кардааст. Унвонҷӯ М.А.Турсунова дар муайян кардани мақсаду вазифа, ба таври жарф дарк кардан, фаҳмидани натиҷаҳои ба даст омада ва муайян кардани методҳои зарурии таҳқиқот маҳорати баланди илмӣ нишон додааст.

Муҳаққиқ дар истифодаи методҳои гуногуни таҳқиқотӣ ва таҳлили маводи топонимӣ истеъдоди хуби пажӯҳишгарии худро зоҳир кардааст.

Хулосаи кори диссертатсионии мазкур натиҷаҳои кори таҳқиқотии муаллифро дар бар гирифтааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) мазмун ва муҳтавои асосии ин таҳқиқотро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Турсунова М.А. дар мавзуйи ««**Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон**»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ барои ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои филология,**
**профессори кафедраи таърихи**
**забон ва типологияи ДМТ** **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Тел.:** 907 79 82 65, **e-mail:** homidov65@mail.ru

**«Имзои профессори ДМТ Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам»**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

20 06 **2022**